# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат ба пажуҳиши «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» бахшида шудааст, ки дар он ба таври фарогир таърихи ташаккул ва таҳаввули падидаи адабии татаббуъсароӣ ва фарозу фуруди он дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик таҳқиқ шудааст, дурнамои мавзуи диссертатсия ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат бори аввал татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ дар доираи як таҳқиқоти мустақил ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар ин замина, масоиле чун ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ (маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ, заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу инкишофи татаббуъ, сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули ин навъи адабӣ), нақши шоирони ҷудогона дар ташаккули татаббуъ (татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ, шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он), хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII (мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он, хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот) муайяну мушаххас гардидаанд.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажуҳишии диссертантро дар таълифи таърихи адабиёти тоҷик, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, назмшиносӣ, сабкшиносӣ, каломи бадеъ, навиштани

диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, рисолаҳои магистрӣ, корҳои дипломӣ ва корҳои курсии донишҷӯён ва таҳқиқоти аспирантон метавон мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи дохилӣ мебошад. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комаилан, мувофиқ мебошад.

Натиҷаи асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои диссертант дар 6 мақола, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат истифодаи маводди бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» таҳқиқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Ашурова Нодира Ҷумъаевна,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

– **Султонмамадова Умеда Алимамадовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва хуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: МДТ «**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимӣ С.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳудойдодов А.О.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қурбонзода Р.Қ.

«13» 12 соли 2025